Агар банда бемор ё мусофир шавад, барояш ҳамон подош ва савобе навишта мешавад, ки дар хона ва бо тани сиҳат анҷом медод

Аз Абумусои Ашъарӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Агар банда бемор ё мусофир шавад, барояш ҳамон подош ва савобе навишта мешавад, ки дар хона ва бо тани сиҳат анҷом медод".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз фазл ва раҳмати Худованд мегӯяд, ки агар мусалмон дар ҳоли тансиҳатӣ ва иқоматаш ба адои амали нек одат карда бошад, сипас барои ӯ узре пеш ояд, ба монанди беморӣ ва сафар, ки аз адои он амал оҷиз ояд, барояш ҳамон подош ва савобе навишта мешавад, ки дар ҳоли тансиҳатӣ ва иқоматаш анҷом медод.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3553